# АННОТАТСИЯ

**ба рисолаи номзадии Файзиева Дилноза Изатуллоевна дар мавзӯи**
**“Иқтидори саноатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”**

**Вожаҳои калидӣ**: саноат, минтақа, иқтидори саноатӣ, арзёбии иқтидори саноатии минтақа, афзоиши иқтидори саноатӣ, боздеҳи фондҳо, ҳосилнокии меҳнат, рушди иқтисодиёт.

Диссертасияи Файзиева Дилноза Изатуллоевна ба таҳлили ташаккулёбӣ, истифодабарӣ ва афзоиши иқтидори саноатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқарраротҳои консептуалӣ ва мазмуни иҷтимоӣ-иқтисодии иқтидори саноатӣ дар шароити муосир, ҷанбаҳои методии арзёбии иқтидори саноатии минтақа ва таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори саноатии минтақа бахшида шудааст. Таърифи чомеъаи саноатӣ, мазмуни гуногуни иқтидори саноатӣ ва сохтори таркибии он омӯхта шудаанд.

Ҳолат ва муаммоҳои муосири вилояти Суғд дар марҳилаи рушди иқтисодиёт, арзёбии истифодабарии иқтидори саноатии минтақаи он, вазъ ва тамоюлҳои рушд ва таъсири афзоиши иқтидори саноатӣ ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дида баромада шудааст. Сабабҳои нобаробар ҷойгиршавии саноат дар минтақа ошкор ва таҳлил шудааст. Дар асоси таҳлили иқтидори саноатӣ ҷузъҳои таркибии он: - имкониятҳои истеҳсолӣ (ҳаҷми маҳсулоти рақобатпазир); имкониятҳои инноватсионӣ (маҳсулотҳои экологӣ ва каммасраф) ва имкониятҳои идоракунӣ (паст кардани хароҷотҳои маъмурӣ) таснифот карда шудаанд.

Таҳлили истифодабарии иқтидори саноатии вилояти Суғд ва тақсим шудани он ба 3 қисмҳои шартии дорои иқтидори саноатии бузург, харитасозии ҷойгиршавии иқтидори саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа гузаронида шудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот роҳҳои баланд бардоштани самаранок истифодабарии иқтидори саноатии минтақа ва механизми истифодаи самараноки он коркард шудааст. Дар асоси натиҷаҳои ба даст оварда алгоритми ташаккули иқтидори саноатии вилояти Суғд муайян карда шуд.

Муқаррароти мазкур ба он асос мебахшад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои унсурҳои нави илмӣ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба мавзӯъи мубрам бахшида шудааст.